Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расми, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич ба диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи “Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 8.4. Механизми гардиши пули накдӣ ва ғайринакдӣ, 8.8. Ташкили низоми самараноки пардохтӣ ва афзорҳои ҳаллу фасли бухрони пардохтӣ, 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ, 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ, 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ, 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ, 11.8. Таҳқиқи таъсири танзими пулию қарзӣ ба равандҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар иқтисодиёт мутобиқат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар рисола баррасигардидаро пурра бандҳои дар боло овардашудаи КОА-ро дар бар мегирад.

## Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Мубрамии мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар замони муосир яке аз падидаҳои печида ва мураккаби ҷаҳонишавӣ, ки аксар маврид рушди ин ё он соҳаро таъмин менамояд, ин рақамикунонии иқтисодиёт ва густариши амалиётҳои виртуалии пардохтӣ ва электронӣ мебошад. Доир ба ин масъала муаллиф қайд менамояд, ки новобаста аз оне, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавон мебошад ва қадамҳои аввалини худро ба сӯи рушд ниҳода истодааст, аммо, пешравиро ҳамчун ҳадафи устувор ва доманадори худ қарор додааст.

Иброз доштан зарур аст, ки барои пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи бонкдорӣ шароит ва имконияти мусоид фароҳам сохт то имконияти таъсиррасонии байнисоҳавӣ ба миён оварда шавад. Вобаста ба ҳамаи ин зарурияти Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ раҳмон зикр намудаанд, ки "....ҷиҳати зиёд намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмуҳлат, хусусан, барои соҳибкории истеҳсолӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои босифат бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва гузариши пурра ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин, ҳарчи бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ ба низоми бонкӣ тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд.

Тибқи таҳқиқотҳои гузаронидашудаи унвонҷӯ муайян намудан зарур аст, ки зарурати гузариш ба иқтисоди рақамӣ рӯз аз рӯз аҳамияти бештарро касб намуда истодааст ва пеш аз ҳама, дар ин ҷараён бонкҳои тиҷоратӣ ва технологияҳои рақамӣ, ки дар сода намудани амалиётҳои анъанавии низоми бонкӣ муҳим мебошанд, нақши ҳалкунанда доранд. Дар ҳақиқат, тибқи таҷриба гуфтан мумкин аст, ки бесуботии низоми бонкӣ дар аксар маврид аз ҳисоби қафомонии низоми бонкӣ аз технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ва виртуалӣ (маҷозӣ) ба миён меояд.

Дар шароити муосир аҳамияти хизматрасониҳои бонкӣ аз он иборат аст, ки бонкҳо барои баланд бардоштани даромаднокиашон ба шумораи

зиёди мизоҷон ва ҷалби онҳо ба воситаи баланд гардонидани сифати хизматрасониҳо, ниёз доранд. Бинобар ин, ба таври дуруст истифода намудани хизматрасониҳо самаранокии захираҳоро баланд бардошта, суботи молиявии худро низ таъмин менамоянд.

Ҳамзамон, як ҷанбаи дигари муҳими таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ, ин таҳқиқи масъалаи хизматрасониҳои бонкӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва боло бурдани даромаднокиро тақозо мекунад, ки танзими хизматрасониҳо дар бонкҳои кишвар ба таври мунтазам ва мақсаднок амалӣ карда шавад, ки ин мубрамӣ ва саривақтӣ будани таҳқиқоти мазкурро муайян менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар таҳқиқоти назариявӣ ва амалии диссертасия муваффақиятҳои илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҳамчун натиҷаи мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифӣ дар бар мегирад, ки дар заминаи он муаллиф шакли фишурдаи таҳқиқоти илмии худро бо ҷамъбасти мушаххасоти он пешниҳод намудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда дар самти таъмини устувории фаъолияти бонкҳо ва хизматрасониҳои он дар шароити муосир зоҳир мегардад ва ин ҷанбаҳоро ҳамчун муваффақиятҳои таҳқиқоти илмӣ ҳисоб намудан мумкин аст. Вобаста ба ин бахши навгониҳои илмии рисола таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ташаккули равандҳои инноватсионӣ, вазъи хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми муосири хизматрасониҳои бонкӣ, бозори хизматрасониҳои қарзию амонатӣ ва баҳодиҳии ҳолати фарогирии молиявӣ ва дигар нишондиҳандаҳои ба хизматрасонӣ вобаста, ки аз тарафи муаллиф коркарду пешниҳод гардидаанд, масъалаи меҳварӣ мебошанд ва навгониҳои илмӣ инҳоро ташкил медиҳанд:

1. Муаллиф дар рисолаи худ ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкиро таҳлилу баррасӣ намуда, равандҳои методии баҳодиҳиии навовариҳои электронӣ ва инноватсияҳои бонкӣ мушаххас гардонидааст. Инчунин, иброз доштааст, ки рушди бозори хизматрасониҳои электрониии бонкӣ ба кам гардидани истифодаи пули нақд оварда мерасонад, ки ин масъалаи меҳвари ҳисоб ёфта, муваффақиятиҳои рисолаи илмӣ ба ҳисоб меравад.

2. Аъзамова Тахмина Туйчиевна таҳқиқ намудааст, ки вобаста ба тағйиротҳои сохторӣ, иттилоотӣ, техникӣ ва технологӣ дар баробари бозори анъанавии бонкӣ бозори нави электронии бонкӣ, ки тамоми хизматрасониҳоро ба таври маҷозӣ бидуни таъсири омилҳои субъективӣ пешниҳод менамояд, бартарият дорад. Зеро ки паҳлуҳои фарогири иннноватсионии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва афзалиятҳои воситаҳои ҳозиразамони электронӣ дар сатҳи бозори хизматрасониҳои бонкӣ тавассути дастгоҳҳои ҳушманд пешниҳод шудаанд.

3. Дар рисола модел ва барномаҳои нави рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо дарназардошти афзалият, мушкилот ва дурнамо таҳия гардида, ҳамчунин, имкониятҳои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои нав ва технологияҳои нави дорои зеҳни сунъӣ ва хотираи ҳушманд коркард шудаанд. Инчунин, муаллифи рисола қайд намудааст, ки ғайр аз ин фарқ байни афзалиятҳои бозори анъанавии бонкӣ ва бозори хизматрасониҳои муосири бонкӣ мушаххас карда шудаанд.

4. Дар доираи таҳқиқот шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ бо роҳи фароҳам овардани инфрасохтори заруриии пардохтӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи ба даст овардани эътимоди мизоҷон пешниҳод гардидаанд. Ҳамчунин таҳқиқот нишон медиҳад, ки рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, рушди кортҳои пардохтии бонкӣ ва дигар амалиёту хизматрасониҳо аз инноватсия вобастаанд.

5. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф ба хулосае омадааст, ки низомҳои муосири хизматрасониҳои бонкӣ аз хавфҳои киберию технологӣ вобастаанд.

Ҳамчунин, исбот шудааст, ки бо истифода аз техника ва технологияҳои муосир шаклҳои нави хизматрасониҳои маҷозӣ, ки ба воситаи изҳои ангушт ё рушнои чашм осон ва дастрас мегарданд.

6. Муаллифи рисола ба таври илмӣ исбот намудааст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ва тезу тунд ҷараён гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ дар самти техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ ва дорои зеҳни сунъӣ гузаштан зарур аст ва дар ин асос модели хизматрасониҳои бонкӣ коркард ва ниҳоятан шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ ба таври муфассал пешниҳод гардидаанд.

7. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт ва гузаштан ба низоми нави хизматрасониҳои электронии бонкӣ дар марҳилаи аввал хизматрасониҳои бонкӣ бояд гурӯҳбандӣ гардад. Сипас, дар ин асос модели афзалиятҳо ва бартариятҳои бозори қаблии бонкӣ ва бозори муосири хизматрасониҳои электронии бонкӣ ва дигар амалиётҳои қаблӣ дар шакли ғайринақдӣ коркарду пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна ба он асос меёбад, ки коркардҳо ва таҳқиқотҳои назариявӣ ва методии олимони дохилию хориҷӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардидаанд ва дар ин қисмат заминаҳои бавуҷудоии инноватсия дар хизматрасониҳои бонкӣ ва дигар тафсирҳои ба ин баробар мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифта, ҳамчун натиҷа ошкорнамоии назариявии заминаҳои татбиқ ва дигар тарзҳои самараноки истифодаи инноватсия дар хизматрасониро муайян ва пешниҳод намудааст. Дар ин замина як қатор имкониятҳои нави илмӣ ва амалӣ коркарду пешниҳод гардидаанд, ки дар ин самт муаллиф ба як қатор натиҷаҳо ноил гардидааст. Дар асосҳои амалии таҳқиқоти илмӣ заминаҳои татбиқи инноватсионӣ ва дигар нишондиҳандаҳои ба ин баробар аз тарафи муаллиф таҳлилу баррасӣ гардида

дар ин самт низ, ки муаллиф тавассути маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Бюллетенҳои омори бонкӣ, сомонаҳои расмии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ корбарӣ намудааст, ки мувофиқи мақсад мебошад. Дар баррасӣ ва асосноккунии масъалаи мазкур унвонҷӯ дар боби якуми рисолаи илмӣ дар 3 сербоб (саҳ 17-59) таҳқиқоти илмӣ гузаронида, ҷанбаҳои назариявии ин масъаларо зери таҳқиқ қарор додааст. Илова бар ин дар боби 2-юм ва сеюми рисолаи илмии худ муаллиф ҷанбаҳои амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии асосии диссертатсияро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода ба як қатор дастовардҳои дигари илмӣ низ ноил гардидааст, ки бандҳои зерини тақризи мазкурро пурра инъикос менамояд. (саҳ. 59-147). Зеро аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо ва татбиқи хизматрасониҳои инноватсионӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Муаллифи рисола унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар таҳия ва татбиқи чораҳо ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи дурусти диссертатсия як қатор меъёрҳои илман асоснок риоя шудаанд: таҳия ва баррасии мавзуи илмӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии сатҳи мубрам будани мавзуи таҳқиқот, мақсадгузорӣ ва вазифагузорӣ дар ҷараёни дурусти таҳқиқот, инчунин, интишорҳо ва дигар пешниҳодҳо аз тарафи муаллиф истифода гардидааст, ки ин масъала мавқеи муаллифро дар баррасӣ ва арзёбии масъала дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Инчунин, муаллифи рисолаи илмӣ дар самти баррасии хизматрасониҳои бонкӣ ва аҳамияти иқтисодии он як қатор коркардҳои мушаххаси мубрами хизматрасониро дар сатҳи самаранок истифода намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии рисолаи илмӣ вобаста ба амсилаҳои арзёбӣ ва мушаххассозӣ, асосноккунии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки пурра фарогирии мавзуи баррасишавандаро инъикос менамояд, ҳамчун натиҷа дар конференсия ва семинарҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2021-2024 муҳокима шудаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва коркардҳои илмиро дар ҷараёни таълим ва дигар таҳқиқотҳои илмӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба ин ҷанбаҳои амалишавии таҳқиқот, ки он натиҷаи таҳқиқоти илмии муаллифи рисола мебошад ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст. Гуфтан мумкин аст, ки тибқи пешниҳодҳои муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро дар самти таълим дар макотиби олӣ ва корхонаҳои соҳавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки баҳои воқеӣ ва қаблии таҳқиқоти диссертасияи унвонҷӯ барои мушаххасоти ҷараёни пайдарпайии таҳқиқоти илмӣ ва даврабандии таҳқиқот вобаста ба нашри маводи илмӣ, вобаста ба самти мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва чоп гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи илмӣ аз муқаддима, феҳристи ихтисорҳои истифодашуда, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 9 расм, 12 ҷадвал, 14 диаграмма ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки онҳо аз 151 номгӯй иборат мебошанд, иборат буда, дар ҳаҷми 174 саҳифа таҳия шудааст.

Унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна вобаста ба сатҳи фарогирӣ ва арзёбии мавзӯи баррасишаванда татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида, ки шарти зарурӣ мебошанд мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки тафсири конкретии онро дар сатҳи бобҳои алоҳида баҳо додан мумкин аст.

Унвонҷӯ дар боби аввали диссертасия "Асосҳои назариявӣ ва методии рушди инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ дар иқтисодиёти муосир" назария ва хусусиятҳои хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми иқтисодӣ, асосҳои ташаккули равандҳои инноватсионӣ дар самти

хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба талаботҳои бозор, таҷрибаи хориҷии ташкили хизматрасониҳои бонкӣ ва имкони истифодаи он дар низоми бонкии кишварро мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор дода ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки чунин муваффақиятҳо натиҷаи заҳматҳои муаллифи рисолаи илмӣ мебошад. Дар ин боб ва параграфҳои алоҳидаи он муаллифи рисолаи илмӣ тамоми масъалаҳои назариявии равандҳои инноватсионӣ ва таъсири мусбати он ба рушди иқтисодиётро мавриди баррасии амиқ қарор додааст.

Дар ин боби рисолаи илмӣ муаллиф ба ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, як қатор натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст. Дар боби якуми зербоби якум муаллиф вобаста ба мушаххасоти назариявии хизматрасониҳои бонкӣ нуқтаи назари олимонро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, дар ин маврид андешаи худро вобаста ба мушаххасоти масъала ҳамчун натиҷаи иловагӣ манзур намудааст. (Саҳ 29-30). Ҳамчунин дар зербоби дуюми боби якум вобаста ба асосҳои ташаккули равандҳои инноватсионӣ дар самти хизматрасониҳои бонкӣ ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки нишондиҳандаҳои онро ба таври зарурӣ дар рисолаи муаллиф дидан мумкин аст. (саҳ. 44)

Дар ҳамин замина муаллифи рисолаи илмӣ истифодаи инноватсияро на танҳо дар амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ балки дар муҳити идоракунӣ, захирасозӣ ва амсоли масъалаҳои дигари ба ин ҷараён хос муҳим ва зарурӣ ҳисоб менамояд. Аз ин лиҳоз, ин масъаларо бештар дар хизматрасониҳои виртуалие, ки тавассути технологияҳои ҳозиразамон истифода мешаванд ба таври васеъ ба кор бурдан зарур аст, ки ҳамаи инҳоро муваффақияти унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна ҳисобидан мумкин аст.

Дар боби дуюм бошад муаллифи рисолаи илмӣ “Таҳлили низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир” бо иловаи таҳлили

вазъ ва натиҷабахшии хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили бозори хизматрасониҳои қарзию амонатӣ ва баҳодиҳии ҳолати фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки дар ин самт муаллиф ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки унвонҷӯ дар ин боб як қатор алоқамандиҳои хизматрасониҳои бонкӣ ва таъсири мутақобилаи онро бо дигар нишондиҳандаҳо аз қабили: динамикаи тағйирёбии таркиби низоми бонкӣ дар шароити номувозинатии бозори бонкӣ дар соҳои 2014-2023, тамоили рушди инфрасохтори зарурии хизматрасониҳои пулии бонк дар солҳои 2010-2023, таносуби афзоиши шумораи кортҳои бонкӣ ва инфрасохтори зарурии истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ дар соли 2010-2023 (бо%), таносуби дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ва банкоматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2023 (бо адад), низомҳои амалкунандаии пардохтии дохилӣ ва байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлилу барраси қарор додааст, ки амалкардҳои илмии муаллифи рисола қобили дастгирӣ мебошанд. (саҳ59-79)

Ҳамзамон дар зербоби дуюм ва сеюми боби дуюм муаллифи рисола бошад инноватсияҳо дар низоми муосири хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити имрӯза, бозори хизматрасониҳои қарзию амонатӣ ва баҳодиҳии ҳолати фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои муҳими ба ин баробарро таҳқиқ намуда, ҳамзамон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. (саҳ 73-103)

Дар боби сеюми рисолаи илмии муаллиф ба масъалаҳои асосии “Роҳҳои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси татбиқи инноватсияҳо” таваҷҷуҳ зоҳир гардида, гурӯҳбандӣ ва механизмҳои такмили ҳиссобаробаркунӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, нақши хизматрасониҳои бонкӣ дар рушди самтҳои афзалиятноки иқтисодии кишвар, масъалаҳои арзёбӣ ва таъмини сифати

хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ва муваффақиятҳои илмӣ ноил гардидааст, ки ба андеши мо ин дастоварди илмии муаллифи рисола мебошад. Дар илова бо ин гуфтан мумкин аст, ки унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна гуфтаҳои мазкурро бо масъалаҳои муҳими зерин асоснок намудааст: сохтори таркибии амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ дар бозори бонкӣ, гуруҳбандии хизматрасониҳои инноватсионии бонкӣ, сохторҳои бозори муосири бонкӣ, модели афзалиятҳо ва мушкилотҳои бозори бонкӣ ва бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир, сохтори шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон, тамоили тағйирёбии шумораи ҳамёнҳои электронии як қатор бонку ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2018-2023 (адад), динамикаи тағйирёбии амалиётҳо тавассути ҳамёнҳои электронӣ дар солҳои 2018 – 2023 мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст, ки дар ҳамин замина низ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Бо ҳамин мақсад дастовардҳои муаллиф вобаста ба масъалаҳои баррасигардида қобили қабул ва дастгирӣ мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ дар як қатор маҷалаҳои илмии тақризшванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқарраротҳи натиҷаҳои асосии диссертасия дар 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалаву нашрияҳои мансуб ба нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан ҳаҷми корҳои илмии чопгардида вобаста ба мавзӯи диссертатсия 4,6 ҷ.ч-ро ташкил медиҳад, ки тибқи талаботҳои мавҷуда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқарраротӣ низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида муқаддима, мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он бо ба як қатор Стратегия ва барномаҳои муҳимми соҳавӣ ҳамбастагӣ дошта, муҳиммияти ин масъала ба банду бобҳои ҳуҷҷатҳои мазкур: “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026”, “Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2016, №95 тасдиқ шудааст, Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» рост омада, ба бандҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷатҳои муҳим мутобиқат менамояд.

Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст. Дар умум диссертатсия дорои моҳияти баланди илмӣ буда, ҳамаи масъалаҳои дар муқаддимаи рисола инъикосгардида пурра дар матни он аз тарафи унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар матни он пурра инъикос гардидаанд, ки пурра муваффақиятҳои он маҳсуб меёбанд. Илова бар ҳамаи дастоварду муваффақиятҳо гуфтан мумкин аст, ки дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳо, ки онҳо вобаста ба мавзуъ ба даст оварда шудаанд, натиҷаҳои муваффақиятомези унвонҷӯйро дар муқаддима ба таври фишурда ва дар бобҳои якум, дуюм, сеюм ва ҳамзамон дар хулоса мушоҳида намудан мумкин аст.

### Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ

Вобаста ба таҷриба дар баъзе аз ҳолатҳо камбудию норасоиро низ асоси пешрафти корҳо меноманд, ки он боиси тақвияти ин ё он соҳаи муайян

мегардад. Албатта дар самти таҳқиқотҳои илмӣ низ чунин норасоиҳо метавонанд ба баланд кардани малака ва маҳорати таҳқиқотчӣ барои бознигарии ин ё он соҳа мусоидат намояд. Вобаста ба ин, хотирнишон бояд намуд, ки муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ дар доираи мавзуъ ва дар шароити имрӯза дорои арзиши баланди илмӣ буда дорои як қатор норасоӣ ва камбудиҳо низ мебошанд, ки дар сурати баинобатгирии онҳо мумкин буд рисолаи илмӣ моҳиятан дигаргун шавад ва онҳо иборатанд аз:

1. Интизориҳои фарзияи таҳқиқоти илмӣ вобаста ба таҳлилу баррасиҳои мавҷуда дар сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ агар дар боби дуюм ё сеюми диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирифт арзиши илмии диссертатсияро беҳтар менамуд.

2. Дар қисми хотимавии боби якум муаллиф оиди таҷриба ва нуқтаи назари як қатор олимони хориҷӣ такя намуда, андешаи онҳоро роҷеъ ба ташкили хизматрасониҳои бонкӣ нишон додааст, аммо нуқтаи назари олимони ватанӣ дар ҳамин масъала кам ба назар мерасад.

3. Дар диссертатсия камбудиҳои грамматикӣ ва стилистикӣ, инчунин дар баъзе маврид номукаммалии баъзе калимаҳо ва андешаҳо мушоҳида карда мешавад.

4. Дар баъзе диаграммаҳо таҳлил бо рақаму динамика муайян карда шудааст, аммо соли таҳлилшаванда муайян нест, ки ин моҳияти диаграммаро коста мегардонад (диаграммаи 1.1.).

5. Дар таҳқиқот, махсусан дар ҷадвалу диаграммаҳо солҳои таҳлилшаванда гуногун мебошанд (дар баъзе ҷадвалу диаграммаҳо то соли 2022 ва дар баъзе ҳолат то соли 2023 таҳлил гаштаанд), ки ин барои баровардани хулосаи аниқи таҳлилӣ монеа мешаванд ва ин метавонад боиси хулосаи ғалат гардад.

Тавре дар оғози хулоса баён намудаем норасоиву камбудиҳои ошкоргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва арзиши баланди илмии он таъсир намерасонанд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.**

Таҳқиқоти анҷомдодашударо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия дар худ таркибу мундариҷа ва навгонии илмиро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии идоракунии дороиҳои бонкиро дар шароити муосир ифода менамояд.

Таҳлилу баррасии амиқи муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи унвонҷӯ Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» нишон дод, ки он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ буда ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в,
дотсенти кафедраи кори бонкии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайфуров К.Ф.

Дурустии имзои Сайфуров К.Ф. ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Шоҳмансур хиёбони Рӯдакӣ, 17
**Телефон:** (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
**Email:** info@tnu.tj